**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
И.в. Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба
номи А. Дониши АМИТ,
профессор __________ Иброҳимов МФ.
аз «__» _____12_____ соли 2024

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» дар маҷлиси шуъбаи Мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ 01 декабри соли 2023, протоколи № 10 баррасӣ шуд.

**Дар муҳокима ширкат намуданд:** академик Ю.Якубов, мудири Шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи таърих д.и.т профессор Л.Н. Додхудоева, д.и.т., профессор Раҷабов А., н.и.т. З. Юсуфбекова, н.и.т. М. Шовалиева, Н.Наврузбеков, мудири Осорхонаи мардумшиносӣ Т Ашурмадова.

Кори диссертатсионии Салимзода Ф.Ф. ба маросим, расму анъанаҳо, бозиҳо, ҷуғрофияи таърихӣ ва фарҳанги мардуми ноҳияи Данғараи минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият бахшида шудааст.

Салимзода Фатҳиддин Файзиддин аз 5. 11. 2021 №7 унвонҷӯи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ. Аз оғоз роҳбари илмии ӯ н.и.т. Юсуфбекова З. таъин гашта буд. Аз 30.06. 2023 роҳбари Салимзода Фатҳиддин Файзидин д.и.т., академики АМИТ Ю. Яқубов мебошад.

**Шуъба чунин мешуморад**, бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ раванди эҳёи ҳамаҷонибаи таъриху тамаддун, фарҳангу анъанаҳо, иду ҷашнҳо ва дар маҷмуъ арзишҳои миллӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд омад. Ин раванд барои бунёди давлатдории миллӣ замина фароҳам оварда, миллати тоҷик марҳила ба марҳила аз гузаштаву арзишҳои фарҳангии хеш, анъанаву маросимҳо ва иду ҷашнҳои худ воқиф мегардад. Огоҳии миллат аз таъриху фарҳанги худӣ барои хештаншиносии ӯ дар пояи арзишҳои миллии бунёдӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ зарур аст, ки мо ҳамаи минтақаҳои кишвари худро бо хусусиятҳои хоси он омӯхта, илми тоҷикро рушду тараққӣ диҳем. Омӯзиши гӯшаҳои гуногуни кишвар имкон медиҳад, ки ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷудаи ватанро ошкор намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Тоҷикистон, ки дорои шароиту табиати гуногун мебошад, аз ин лиҳоз, ҳар як минтақаи он, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб фарогири фарҳангу анъана, иду маросим ва суннатҳои ба худ хос аст. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳамияти махсус дорад.

Ноҳияи Данғара яке аз ноҳияҳои калону сернуфуси вилояти Хатлон буда, дорои вижагии анъанаҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва адабии ба худ хос мебошад. Бинобар ин омӯзиши ҷанбаи мардумшиносӣ ва арзишҳои

фарҳангии чунин як ноҳияи калон барои мукаммал гаштани таҳқиқи таъриху фарҳанги кишвар мусоидат мекунад.

Натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш карда, барои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур барои таҳким бахшидани худшиносии миллӣ ва амиқ омӯхтани таъриху фарҳанги халқи тоҷик, ки яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол маҳсуб меёбад, мусоидат менамояд.

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи таҳқиқотӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти имрӯзаи ноҳияи Данғара равона гардидааст.

Бо гузашти айём ҷашну маросим ва бозиҳои мардумӣ, ки замоне байни мардум фаъолу оммавӣ гашта буданд, имрӯз аз онҳо осори кам монда, қисмате аз онҳо ба гӯшаи фаромушӣ рафтааст.

Дигар ин, ки бо розигии ҳукумати марказӣ ба даштҳои Данғара аз бахши кӯҳистони Дарвоз, Нуробод мардумони бо урфу одати хос кӯчидаанд ва метавонанд ба урфияти мардуми маҳаллӣ омезиш ворид намоянд. Бинобар ин, аз ин лиҳоз омӯзиши урфиятҳои маҳаллиён мубрам аст.

Анъанаҳое, ки бо тавлиду тарбияти кӯдак, барпо кардани оила ва дафну азодорӣ вобастаанд, дар рӯзгори сокинони минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара бо ҷиҳатҳои фарққунандагии худ аз мардумони дигар минтақаҳои кишвар то имрӯз боқӣ мондаанд. Гарчанде, дар расму оинҳои мардуми минтақаи Кӯлоб ҳамрангиҳои зиёде бо сокинони дигар минтақаҳои Тоҷикистон ва мардумони ориёитабор дида мешавад, лекин вобаста ба муҳити ҷуғрофию таърихӣ, ҳаёти маданӣ ва иҷтимоӣ вижагиҳои фарққунанда низ мушоҳида мегардад.

Солҳои охир ҷомеа ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯ гашта, бархе аз фарҳанги ғайримоддии худро аз даст дода истодааст. Дар чунин ҳолат барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат моро зарур аст, ки ҳар минтақаи Тоҷикистонро мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳем. Дигар, дар замони Истиқлол ҷиҳати омӯзиши амиқи ҷашну маросимҳо ва оинҳои миллӣ имконияти васеъ фароҳам омадааст, ки мо муҳаққиқон бояд аз он истифода намоем.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ ва баррасии рисолаи номзадии Салимзода Ф.Ф. дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» саривақтӣ буда, аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар раванди таълифи кори илмӣ Салимзода Ф.Ф. аз манбаъҳои гуногуни хаттӣ ва шифоҳӣ васеъ истифода бурдааст. Барои ба мақсад расидан дар ҳалли масъалаи дар пеш гузошташуда, унвонҷӯ маводҳои бостоншиносӣ, маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, асарҳои мардумшиносӣ, фолклоршиносӣ, рӯзномаҳои экспедитсионии олимон, амалдорон, руҳониён ва сиёсатмадорон, сафарномаҳои сайёҳон ва хизматчиёни Россия, ки дар садаи XIX - ибтидои асри XX ба Осиёи Миёна сафар карда буданд, нигораҳои дар осорхонаҳо ба намоиш гузошташуда, барномаҳои таҳлилии телевизиону радио, нашрияҳои даврӣ ва инчунин, маълумоти шифоҳии муаллиф аз сокинони куҳансоли ноҳияи Данғара гирдовардаро истифода намудааст.

**Навоварии рисолаи Салимзода Ф.Ф.** Дар ин рисола чунин навовариҳои илмӣ сурат гирифтааст:

- Ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании мардуми ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

- аҳамияти расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ гардидааст;

- расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ҳамчун омилҳои таъсиргузор ба ҳаёти мардум мавриди омӯзиш қарор ёфтааст;

- сифатҳои ичтимоии сокинони ноҳия дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва робитаи ногусастанӣ доштан бо анъанаю бозиҳои суннатии тоҷикон таҳлил шудааст;

- муайян карда шудааст, ки чӣ гуна ба ҳаёти мардум расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ таъсири мусбат ва ё манфӣ мерасонанд;

- таҳқикот муайян кардааст, ки дар ҳар як марҳилаи такомули худ, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ба ҳаёти ичтимоии мардум алоқаи зич доштаанд;

- муайян шудааст, ки вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ дар ҳаёти мардуми ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои ҷудогонаи **дорои** хусусиятҳои ба ин маҳал хос, ҷой доранд;

- хусусиятҳои зикргардида фаркияти ин рисоларо аз дигар таҳқиқоте, ки дар ин замина анҷом дода шудаанд, нишон дода, дар тасаввуроти хонанда акидаҳои наверо дар масъалаи мардумшиносӣ пешниҳод менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф гузаронда шудааст, аз ҷумла: таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода нумуда, рӯйи чоп овардааст. Инчунин баррасии натиҷаҳои таҳқиқот бо иштирок дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ зоҳир мегардад.

**Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ** буда, бори аввал мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, маълумоти муфид додааст. Ахбори дақиқ оид ба мардумшиносӣ дар ноҳияи Дангара ва умуман минтақаи Кӯлоб хеле кам дастрасанд ва ин рисола

метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш намояд. Илова бар ин натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои иҷрои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, онро ҳамчун сарчашма барои омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар бахшҳои мардумшиносии фанҳои таъриху география, этика, эстетика ва фарҳангшиносӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла хулосаҳои илмӣ, навгониҳои илмӣ, муқарароти ба ҳимоя пешниҳод шаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амали дошта, бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Дар раванди таҳқик аз усулҳои таҳлилӣ, муқойсавӣ-таърихӣ, мушоҳида ва мусоҳиба (суҳбати рӯ ба рӯ) истифода шудааст. Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи омӯзиши мардумшинсӣ, таърих, ҷуғрофия ва фарҳангшиносӣ сурат гирифтааст.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии онро пурра фаро гирифта, муқарароти асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии унвонҷӯ инъикос гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи мазкур ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", банди 9 "масъалаҳо вобаста ба таърихи халқи тоҷик ва масъалаҳои фарҳангшиносӣ" мутобиқ аст. Натиҷаҳои онро дар пажӯҳиши мардумшиносӣ зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои таърих ва география дар макотиби олӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Салимзода, Ф.Ф. «Сохтани манзил ва ҷиҳози хона дар байни бошандагони ғайритоҷики ноҳияи Данғара»/ Ф.Ф. Салимзода// Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 4 (016), 2021. – С. 32-38.

[2-М] Салимзода, Ф.Ф. "Нақши тангаҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна дар муайян намудани таърихи ноҳияи Данғара"/ Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 7, 2022. - С. 85-92.

[3-М] Салимзода, Ф.Ф. «Данғара сароғози ниёгон»/Ф.Ф. Салимзода// Гузориши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 2, 2022. -С 68-73.

[4-М] Салимзода, Ф.Ф. Бунёд ва тарзи рӯзгордории сокинони ноҳияи Данғара (то солҳои 50-уми асри XX)/ Ф.Ф. Салимзода// «Муаррих», № 4, 2022. - С. 68-73.

[5-М] Салимзода, Ф.Ф."Ҷуғрофиёи таърихии Данғара дар давраҳои бекигарӣ ва баъдиинқилобӣ"/Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 1, 2023. - С. 30-36.

[6-М] Яқубов, Ю., Салимзода, Ф.Ф. Мулоҳизаҳо доир ба бозиҳои бачагонаи ноҳияи Данғара / Ю. Яқубов, Ф.Ф. Салимзода // "Паёмномаи фарҳанг" №4 (64), 2023. - С. 12-20.

### [7-II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[8-М] Салимзода Ф.Ф. «Мақолоти таърихӣ» (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). -Душанбе: "Шоҳин-С", 2022. – С. 45-59).

[8-М] Салимзода, Ф. "Ашаглон" - рамзи борон [Матн] / Ф. Салимзода // Симои Дангара. – 2022. – 26 апрел. – №12. – С.2.

[9-М] Салимзода, Ф. Таърихи манзилсозии Данғара [Матн] / Ф. Салимзода // Симои Данғара. – 2022. – 27 январ. – №3. – С. 3.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Рисолаи диссертатсионии Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» аз рӯйи мазмун, предмет ва усули таҳқиқ мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба равияи илмҳои таърихӣ дохил буда, ба шиносномаи ихтисоси 07.00.07 - мардумшиносӣ, этнология ва антропология мувофиқат мекунад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ **қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар замони шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология бо дарназардошти пешниҳоду тавсияҳо барои баррасӣ ва ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва антропология 01 декабри соли 2024, протоколи № 10 бо 12 овози тарафдор (зид, бетараф – нест) қабул карда шуд.

**Раиси маҷлис:**
**Мудири Шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва антропология**
**Доктори илмҳои таърих, профессор** **Л.Н. Додхудоева**

**Котиб:** **н.и.т. М.С. Шовалиева**

*Имзоҳои Додхудоева Л.Н. ва М.С. Шовалиеваро о тасдиқ мекунам:*
*Нозири калони шуъбаи кадрҳо* *Файзуллоева Г.*

4.12.2024